«Тасдиқ менамоям»
ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ
ибни Сино, д.и.т., профессор
Гулзода М.Қ.______________
«_____»___________соли 2020

Нақшаи чорабиниҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»
ҷиҳати пешгирии паҳншавии коронавирус COVID-19

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Масъул | Мутассадӣ | Муҳлати иҷроиш | Шакли иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Аз ҷониби мутахассисони кафедраҳои донишгоҳ ва кормандони МНДСЭ-и ноҳияҳои Исмоили Сомонии ва Синои ш.Душанбе дар байни донишҷӯёну муҳассилини донишгоҳ, шунавандагони Маркази омодагии қаблӣ, ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони бахши хоҷагидорӣ гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати пешгирии сироятёбӣ ба коронавирус COVID-19. | Муовинони ректор, декани факултетҳо, директори МОҚ, директори Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ, Шуъбаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ | Ибодзода С.Т. | Ҳар ҳафта | Ҳисобот |
| 2. | Дар сомонаи расмии донишгоҳ ва рӯзномаи «Ворисони Сино» ҷой додани маълумот дар бораи сабабҳо, роҳҳои паҳншавӣ ва пешгирии коронавирус COVID-19. | Шуъбаи иттилоот, сомонаи донишгоҳ, рӯзномаи «Ворисони Сино» | Таибов С.А. | Мунтазам | Ҳисобот |
| 3. | Баромадҳои омӯзгорони кафедраҳои донишгоҳ тариқи шабакаҳои телевизионӣ, радиои ҷумҳурӣ ва дигар | Шуъбаи иттилоот, кафедраҳои бемориҳои сироятӣ, бемориҳои | Таибов С.А. | Мунтазам | Ҳисобот |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ВАО ҷиҳати пешгирии сироятёбӣ ва паҳншавии коронавирус COVID-19. | сироятии кӯдакона, эпидемиология, микробиология, вирусология ва иммунология | | | |
| 4. | Дар гӯшаҳои иттилоотии ҳамаи биноҳои таълимӣ, маъмурӣ ва хобгоҳҳо ҷой намудани маълумоти зарурӣ ва варақаҳои иттилоотӣ тибқи тавсияҳои ТУТ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба пешгирии паҳншавии коронавирус COVID-19. | Муовинати муоличавӣ, муовинати тарбия ва фарҳанг, муовинати хоҷагӣ ва маъмурӣ, коменданти биноҳо | Қурбонбекова П.К. | то санаи 30.03 соли 2020 ва мунтазам | Ҳисобот |
| 5. | Таъмини кормандони қисми хоҷагидорӣ бо маводҳои хлордор ва моддаҳои дезинфексионӣ | Муовинати хоҷагӣ ва маъмурӣ | Хокироев Т.З. | Мунтазам | Ҳисобот |
| 6. | Таъмин ва риоя намудани реҷаи истифодаи ниқобҳои тиббӣ дар Маркази ташхисию табобатӣ, МТИК «Стоматология» ва дигар ҷойҳои ҷамъшавии зиёди донишҷӯён ва кормандон | Муовинати муоличавӣ, директорони МТТ, МТИК «Стоматология», деканҳои факултетҳо | Қобилов Қ.К. | Мунтазам | Ҳисобот |
| 7. | Риояи қатъии реҷаи омаду рафти беморон, ниёзмандон ва аёдаткунандагон дар Маркази ташхисию табобатӣ ва МТИК «Стоматология» | Муовинати муоличавӣ, директорони МТТ, МТИК «Стоматология» | Қобилов Қ.К. | Доимӣ | Ҳисобот |
| 8. | Гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ дар байни кормандони Маркази ташхисию табобатии донишгоҳ ҷиҳати эпидемиология, роҳҳои гузариш, аломатҳои клиникӣ, ташхис ва табобати | Муовинати муоличавӣ, директори МТТ, кафедраи бемориҳои сироятӣ, кафедраи эпидемиология | Гадоев Б.Ш. | То 30.03 соли 2020 | Ҳисобот |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | беморони гирифтори коронавирус COVID-19 . | | | | |
| 9. | Таъмин кардани ҳоҷатхонаҳо бо собуни моеъ ва безараргардонӣ бо маводҳои хлордор (хокаи хлор ва ё гипохлориди калсий), | Муовинати хоҷагӣ ва маъмурӣ, комменданти биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо | Хокироев Т.З. | Мунтазам | Ҳисобот |
| 10. | Бастани шартнома бо стансияи дезинфексионии шаҳрӣ барои гузаронидани чораҳои дезинфексионӣ, дезинсексионӣ ва дератизатсионӣ | Муовинати хоҷагӣ ва маъмурӣ | Хокироев Т.З. | То охири моҳи март | Ҳисобот |
| 11. | Гузаронидани кормандони донишгоҳ аз муоинаи ҳатмии профилактикии тиббӣ ва таъмин намудани онҳо бо нишонаи сарисинагӣ | Муовинати муолиҷавӣ, муовинати хоҷагӣ ва маъмурӣ, Маркази ташхисию табобатӣ | Қобилов Қ.К. | Мунтазам | Ҳисобот |
| 12. | Тайёр намудани донишҷӯёни курсҳои 5-6-ум, табиб-интернаҳо, ординаторони клиникӣ, аспирантҳо, докторантҳо барои дар сурати зарурӣ сафарбаркунии онҳо ҷиҳати андешидани чорабиниҳои тиббию санитарӣ бо мақсади саривақт маҳв намудани ангезандаи беморӣ ва мубориза бо он | Муовинатҳои таълим, илм, муолиҷа, деканатҳои факултетҳо, Маркази тайёр намудани кадрҳои илмӣ, Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ | Ибодзода С.Т. | Мунтазам | Ҳисобот |
| 13. | Омода намудани руйхати донишҷӯёни хориҷие, ки дар донишгоҳ таҳсил мекунанд (бо нишондоди маҳалли зист барои назорати тиббӣ) ва гузаронидани чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ва пешгирикунанда дар байни онҳо | Муовинати таълим, Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ, муовинони декан оид ба донишҷӯёни хориҷӣ | Додхоев Ҷ.С. | Мунтазам | Ҳисобот |

Эзоҳ: Ҳисобот аз ҷониби ашхоси мутассадӣ ҳар ҳафта ба муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ Қобилов Қ.К. тариқи хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда шавад.